# Паёми мавлудии Патриархи Маскав ва тамоми Рус КИРИЛЛ

**Паёми мавлудии Патриархи Маскав ва тамоми Рус КИРИЛЛ**

**ба кашишҳои аъзам, кашишҳо, порсоён ва ҳамаи фарзандони боимони**

**Калисои Православии Рус**

**Ҳазрати кашишҳои аъзам, падарони гиромиқадр, роҳибон ва роҳибаҳои покзамир, бародарон ва хоҳарони азиз!**

Дар ин шаби мунир мо муҷаддан саодати соҳиби Наҷотбахши худ гаштани оламро рӯҳан эҳсос менамоем. Муҷаддадан дар хаёли худ Писари Худованди Зиндаро мебинем, ки дар парваришгоҳҳои ғори Байт-Лаҳм хобидааст. Муҷаддадан дар қалбҳои худ нидои нидои малакутиеро мешунавем, ки Офаридгор ва Наҷотбахшро мадҳ мекунад: (*Худоро ҷалол дар арши аъло ва осоиштагӣ бар замин ва ҳусни таваҷҷӯҳ дар миёни мардум бод»* (Луқо 2, 14).

Ситоиши нерӯҳои самовотиро шунида, мо дарк мекунем, ки Мавлуди Масеҳ саршори муносиботи беруназзамонӣ аст ва ба сарнавишти ҳар инсон муносибати бевосита дорад. Ҳатто касе, ки ҳануз аз корномаи Наҷотбахш огаҳие надорад, акнун метавонад молики дарки Ҳақ шавад, фарзанди Худованд гардад ва ҳаёти абадиро ба ирс гирад. Мавлуди Масеҳ бароямон ҳақиқатеро дар бораи худи мо ифшо мекунад ва фаҳмидану азхуд кардани ин ҳақиқатро имконпазир мегардонад.

Ба ёд меорем, ки нахустинсонро Офаридгор комил халқ кард, ба *сурати Худованд ва ба шабоҳати Худованд (ниг.: Ҳастӣ 1, 26).*Аммо Одам амру найҳро риоят накарда, нияти Офаридгорро дар бораи худ таҳриф намуд. Башарият аз муоширати зинда бо Худованд маҳрум гардида, беш аз пеш ба варта ва такаббур ғӯттавар гардид. Ва он замон Худо офаридаи Худро дӯст дошта ва хостори наҷоти ӯ шуда, Писари Ягонаашро ба дунё фиристод, ки тамомияти табиати инсониро барқарор намуд ва Одами Ҷадид шуд. Масеҳ бароямон намунаи зиндагиро, ки мушобеҳи нияти Худовандӣ дар бораи инсон буд, нишон дод. Ин намуна маҳаки мӯътамадест, ки бароямон кумак мекунад то роҳгум назанем ва ягона самти дурустеро пайдо кунем, ки моро ба тамомияти зиндагӣ, чи дар

шароити ҳаёти заминӣ ва чи дар абадият, раҳнамун месозад.

Мо, ҳангоме ки ба даъватҳои Худовандӣ посух медиҳем, бо ин роҳи наҷотбахш равонаем. Яке аз чунин даъватҳои ба мо руҷӯъёфта, дар номаи Ҳаввории муқаддас Павлус сабт гардидааст: *«Дар ҷисмҳои худ ва дар ҷонҳои худ Худоро ҳамду сано кунед, ки онҳо ба Худо тааллук доранд»* (1 Ба Қӯринтиён 6, 20). Ин чунин маънӣ дорад, ки мо Худовандро на танҳо аз тариқи ибодату сурудҳои худ, балки ба воситаи корҳои нек ба рифоҳи пайвандон, ба рифоҳи халқи худ, ба рифоҳи Калисо низ мадҳ мекунем.

Чунин меҳнат ба меҳнати сурурбахш ба хотири Масеҳ табдил мегардад, он ҷаҳони атроф ва худи моро дигаргун месозад. Мардум, на ба тариқи иҷборӣ ва на барои ғаразе, балки бо хоҳиши самимонаи саршор аз эҷоди амри неку муфид кор карда, ба ҳамбастагӣ комгор мегарданд. Бо ин васила мо муштаракан иродаи Офаридгорро дар ҳаёт татбиқ намуда, ба Ӯ хидмат мекунем. Калимаи юнонии «литургия» (маросими ибодати зӯҳр) чун «кори умум» тарҷума мешавад. Тамоми зиндагии мо бояд Литургия, ибодати умум ва кори умумие ба хотири он бошад, ки нияти Худовандӣ дар бораи ,ҷаҳон ва дар бораи инсон ба ҳаёт татбиқ гардад ва ба ҳамин васила ҳамду саноро ба Холиқ тақдир намоем. Ин аз мо ҳамбастагиро бо бародарону хоҳарони ҳамдини мо ва ҳатто бо касоне, ки ҳанӯз дар қалбашон Худовандро дарнаёфтаанду аммо мисли соҳирони инҷилӣ дар роҳ ба сӯи Ӯ ҳастанд, тақозо дорад.

Муҳим будани муттаҳидии талошҳо барои рафъи андӯҳу бадбахтиҳоро ба мо сӯхторҳо, хушксолӣ ва обхезиҳои соли гузашта дар Руссия ва баъзе аз кишварҳои Руси таърихӣ нишон дод. Онҳо бори дигар ба мо масъулияти насронии кӯмак ба наздиконро — сарфи назар аз эътиқодот, миллият ва вазъи иҷтимоӣ, хотирнишон сохтанд. Дар моҳҳои сӯзони тобистонӣ бисёр одамон бо касоне, ки ҳатто намешинохтанд ва гумон аст, ки боре ҳам бубинанд, саховатмандона қувва, вақт ва дороии худро баҳам диданд. Онҳо ин корро ба хотири чӣ анҷом доданд? Ба хотири тараҳҳуму шафқат ба онҳое, ки ба душворӣ рӯбарӯ шудаанд, гирифтори маҳрумӣ гаштаанд ва мӯҳтоҷ и ёрӣ мебошанд.

Ҳамдилии -ҷамъиятӣ, заҳматҳои якҷоя ба хотири дастрасӣ ба ҳадафҳои умумӣ бидуни рафъ кардани худпарастӣ, бидуни маҷбур сохтани худ ба кори нек, бидуни даст кашидан аз нигаронида шудани он маҳз ба эҳтиёҷоту манфиатҳои худ, гайриимкон аст. «Ваҳдати рӯҳ» (Еф. 4, 3)-и воқеӣ бар мабнои қонуни муҳаббате пойдор аст, ки Наҷотбахш бароямон васият кардааст. Он бояд ба қисми ҷудонопазири худшиносии миллӣ ва зиндагии мо табдил ёбад.

Нерӯи ваҳати калисоиро ман ҳангоми боздидҳои сершумори худ аз эпархияҳои Руссия, Украина, Қазоқистон, Озарбойҷон ба таври возеҳ эҳсос намудам. Дар ҳама ҷо ман омодагии кашишҳои аъзам, рӯҳониёни маъбадҳо, порсоён ва халоикро ба заҳмат кашидан дар роҳи мазҳаби Православӣ, такмили фаъолиятҳои қавми калисо, дайр ва епархия дидам. Ин моро ба рушди

муваффақонаи ҳаёти калисоӣ дар рӯҳи иттиҳод ва ҳамкорӣ умедвор мекунад.

Бо қалби лабрез аз шодмонӣ шумо, ҳазрати кашишҳои аъзам, рӯҳониёни гиромиқадр, дайрнишинон, бародарон ва хоҳаронро бо иди бузург ва наҷотбахши Мавлуди Масеҳ ва Соли Нав табрик менамоям. Бо дуоям барои ҳамаи шумо муҷрии боэҳтимоми иродаи Худовандӣ буданро, ки атоҳои рӯҳониро ба Наҷотбахши олами ҳамакнун зодашуда эҳдо менамоед, таманно дорам, то номи Ӯ ҳамеша, ҳоло ва абадан ва асрҳои аср шӯҳратёр бошад. Омин.

***Кирилл,***

***Патриархи Маскав ва тамоми Рус***

*Мавлуди Масеҳ соли 2010/2011, Маскав*

---

Source: https://mospat.ru/en/news/56205/